**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, (734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)**

Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади расидан бо яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ – таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ дар баробари бунёди иншооти бузурги тавлиди нерӯи барқ ба таҷдиди иншооти энергетикии мавҷудаи кишвар эътибори аввалиндараҷа медиҳад. Барои бунёд, таҷдид ва барқарорсозии иқтидорҳои нав дар кишварамон маблағҳои зиёди буҷети давлатӣ, кумаки беруна ва сармояи хусусӣ равона карда шудаанд ва зарур аст, ки ин маблағҳо мақсаднок ва самаранок истифода карда шаванд.

Диссертант дар автореферати худ дуруст қайд мекунад, ки гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли дигар мамлакатҳои собиқ шуравӣ ба шароити хоҷагидории бозорӣ зарурати роҳандозӣ намудани ислоҳоти сохториро дар бозори фурӯши барқ ба миён овард. Таваррум ва пардохт накардани ҳаққи нерӯи барқ фаъолияти молиявӣ-иқтисодии корхонаҳои соҳа, аз ҷумла ШСХК «Барқи Тоҷик»-ро вайрон кард. Бинобар ин, барои барқарор кардани низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи ҷиҳатҳои мақбули таҷрибаи хориҷии амалкунии бозори фурӯши барқ дорои манфиат мебошад (Саҳ.12).

Аз нигоҳи коршиносони масоили иқтисодӣ бо сохтану истифода додани НОБ-ҳои ба нақша гирифташуда то соли 2025-ум истеҳсоли қувваи барқ дар ҷумҳурӣ метавонад то 30 млрд. кВт. соат расонида шавад, ки ин имконият медиҳад натанҳо истиқлолияти пурраи энергетикиро ба даст

дарорем, балки содироти қувваи баркро ба давлатҳои ҳамсояи ҷануб, ба мисли Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Покистон ба роҳ монем.

Муҳақиқ иброз медорад, ки корхонаи фурӯши барқ бояд ба ҳамаи истеъмолкунандагон дастрас намудани баркро кафолат диҳад, яъне он дар бозор чун таъминкунандаи кафолатдиҳанда баромад мекунад. Манбаи даромади таъминкунандаи кафолатдиҳанда болонархи аз ҷониби мақомоти танзимкунанда тасдиқшудае мебошад, ки дар дохили тарифҳо пешакӣ муқаррар шудааст ва барои пӯшонидани хароҷоти зарурии хизматрасонии истеъмолкунандагон, инчунин хароҷоти бо қарздориҳои шубҳаноки аз ҳисоби пардохт накардани ҳаққи барқ пайдошуда имкон медиҳад (Саҳ.17).

Дар қисмати хулоса ва тавсияҳо натиҷаҳои асоси кори илмӣ, пешниҳодҳои мушаххас оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо муайян ва асоснок гардидаанд.

Дар баробари муваффақиятҳо дастоварду пешниҳодоти дақиқи илмӣ, дар кори автеферати диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант аз аҳамият холӣ нестанд:

1. Муаллиф дар расми 3 якчанд субъектҳоеро зикр карданд, ки онҳо вазифаҳои муайянеро дар бозори фурӯши барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро мекунанд, аммо ин сохторҳо кадомаш кадом вазифаро иҷро мекунанд норавшан аст;
2. Маълумот дар бораи фаъолияти субъектҳои асосии бозори фурӯши барқ ба таври васеъ оварда нашудааст

Норасиҳои зикршуда сатҳи тависиявӣ дошта натиҷаҳои назариявию амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун кори ба анҷом расида ҷавогӯи талаботҳои низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси

08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) арзанда мебошад.

Тақриздиҳанда,
Декани факултети молиявию иқтисодии
ДДБ ба номи Носири Хусрав, н.и.и. Раҳимов П.С.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67, тел:905-77-40-77
E-mail: payrav.rakhimov.90@mail.ru

Имзои Раҳимов П.С.,–ро тасдиқ мекунам.
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

“_____” ___________ 2023